КОРРУПСИЯ - ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБ

Коррупсия - сӯистифода аз ҳокимияти давлатӣ барои ба даст овардани фоида бо мақсадҳои шахсӣ мебошад. Коррупсия ин худ аз (калимаи лотини «corruptio»- бо пора ба худ тобеъ кардан, харида гирифтан, ришва додан) ба шахсони мансабдор, арбобони ҷамъиятию сиёсӣ ва хизматчиёни давлатиро мефаҳмонад.

Коррупсия яке аз ҷиноятхои хавфноки сиёсӣ ба ҳисоб рафта, он барои амалӣ гардидани барномаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат монеа эҷод намуда намегузорад, ки маблағҳои давлатӣ барои барномаҳои пешбинишуда амалӣ гарданд. Он метавонад нобоварии шаҳрвандонро нисбат ба давлату ҳукумат ва сиёсати пешгирифтаи он барпо намуда, минбаъд барои ҷинояткорӣ ва ба сари макомотҳои маҳаллӣ ва кудратӣ омадани шахсони тасодуфӣ заминаи асосиро гузорад.

Коррупсия низ дар қатори дигар хатарҳои ҷаҳони имрӯза мавқеи мустаҳкамеро аз худ кардааст, ки зарари он нисбат ба хатарҳои муосир камтар нест. Чунин як падидаи манфӣ хамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеа монеахои хело ҷиддиро фароҳам меоварад. Бинобар ин, мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба омӯхта таҳлил намоем ва тамоми қуввахои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳур ва поён овардани шиддати он сафарбар намоем.

Мавриди ба зикр аст, ки инсоният имрӯз ба хатарҳои нави глобалӣ, аз қабили терроризм, экстремизм, паҳншавии маводи мухаддир, буҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва дигар хатарҳои нав ба нав рӯ ба рӯст. Айни замон ба ин хатарҳои ҷомеа боз коррупсия зам шудааст. Коррупсия низ дар ҷомеа реша давондааст, ки зарари он нисбат ба хатарҳои зикршуда камтар нест ва ба онхо алоқамандии зич дорад. Чуноне, ки аз муқаррароти моддахои 1, 5, 10 ва 14-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ҳуқуқҳои асосӣ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро давлат кафолат додаст ва инчунин уҳдадораст, ки барои амалӣ намудани онҳо шароит муҳайё созад. Ин муқаррарот, инчунин дар сархати 3-юми моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки тибқи он «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як шахс шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад». Барои расидан ба ҳадафхои дар боло зикргардида зарур аст, ки корҳои назаррасе барои бартараф намудани ин мушкилотҳо ба сомон расонад.

Дар Паёмҳои ҳамасолаи Сарвари давлат ба парлумони кишвар низ ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода мешаванд ва онҳо аз ҷониби чомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва табақахои гуногуни аҳолӣ пазируфта шуда, зина ба зина дар амал татбиқ мегардад.

Аз рӯзи аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва махсусан Президенти мамлакат барои паст намудани чунин падидаи номатлуб ва мубориза бо коррупсия, муборизаи беамони худро бурда ва нисбати ин масоил диққати махсуси худро дода истодаанд. Коррупсия дар қатори дигар зуҳуроти хавфноки ҷаҳони муосир асосҳои давлатдориро суст карда, садди роҳи инкишофи ҷомеа мегардад.

Мубориза бар зидди ин падидаи нангин ва паст кардани он ба самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст». Коррупсия - воқеан яке аз ҷиноятҳои хавфноки сиёсие ба ҳисоб меравад, ки он барои амалӣ гардонидани барномаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат монеа барпо намуда намегузорад, ки маблағҳои давлатӣ барои барномаҳои пешбинишуда амалӣ гарданд. Имрӯзҳо муносибати шаҳрвандон бо коррупсия гуногун буда, онро бо равиши суиистифода аз мансаб, пораситонӣ, судхӯрӣ, падидаи тамаллуқкорӣ, хушомад задан ва ғайра мешуморанд.

Имрӯзҳо доираи коррупсия васеъ гашта, ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷомеа, аз ҷумла ба сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва ахлоқ бетаъсир буда наметавонад. Барои муборизаи самаранок бар зидди коррупсия тадбирҳои комплексиро аз қабили иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ андешидан зарур аст.

Бо назардошти ҳанӯз ҳам ҷой доштани проблемаю мушкилотҳо дар самти мубориза бар зидди коррупсия, дар Паёми худ Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ибрози ақида намудаанд: «Муборизаи қатъӣ бо амалҳои коррупсионӣ шарти муҳими фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа ва таҳкими эътимоди мардум нисбат ба сохтору мақомоти давлатӣ мебошад.»

Баҳри иҷрои талаботҳои Қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз тамоми воситаҳои мавҷуда самаранок истифода барем ва нагузорем, ки коррупсия дар ҷомеа рушд кунад. Зеро дар радифи ҳамаи он тадбирҳое, ки барои мубориза бар зидди коррупсия пешбинӣ шудаанд пеш аз ҳама чораҳои пешгирии он нақши басо муҳим мебозанд.

Агар ҳамаи мо ба хотири ободи Ватани азизамон ва пешрафти давлати соҳибистиқлоламон содиқона заҳмат кашем, бешубҳа мушкилотҳои мавҷуда дар як муддати кӯтоҳ бартараф ва зиндагии осудаи ҳар як шаҳрванди кишварамон таъмин мегардад.

Мудири филиали №17
КВД БА ҶТ «Амонатбонк»
дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон
Саразода Илҳом Бобобек